**Тақриз**
**ба автореферати диссертатсияи Қаландаров Сарабек Давлатёрович дар мавзуи «Нақши ВАО дар инъикоси равобити мутақобилаи Тоҷикистони соҳибистиқлол ва мамолики арабзабони Халиҷи Форс (Шоҳигарии Арабистони Саудӣ, Қатар ва Амороти Муттаҳидаи Араб)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ**

Дар шароити соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ба роҳ мондани робитаҳои гуногунҷабҳаи ҷумҳурӣ бо кишварҳои мухталифи олам заминаи мусоид ба амал омад. Аз ҷумла, таҳкиму густариши робитаҳои мухталифи ҳамкорӣ бо кишварҳои араб дар сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи муҳим дорад. Чунонки маълум аст, дар инъикоси робитаҳои мутақобила ва гуногунҷанбаи байни кишварҳо нақши ВАО хеле назаррас аст. Аз ин хотир, аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Қаландаров Сарабек Давлатёрович интихоб гардидани мавзуи «Нақши ВАО дар инъикоси равобити мутақобилаи Тоҷикистони соҳибистиқлол ва мамолики арабзабони Халиҷи Форс (Шоҳигарии Арабистони Саудӣ, Қатар ва Амороти Муттаҳидаи Араб)» ба сифати кори таҳқиқотӣ бисёр муҳимму мубрам ва саривақтӣ ба ҳисоб меравад. Аз тарафи дигар, дар шароити имрӯза нақши ВАО на танҳо дар ташвиқу инъикоси робитаҳо гуногунҷабҳа, балки дар ташаккулу рушди муносибатҳои ҳамкорӣ ниҳоят калон мебошад, ки ин ҳам аз мубрамии таҳқиқи илмӣ гувоҳӣ медиҳад. Ба ибораи дигар, дар пешрафти муносибатҳои байни кишварҳо на танҳо тарзу дараҷаи инъикоси он дар ВАО, балки муносибат ба рӯйдодҳо бисёр муҳим буда метавонад. Илова бар ин, дар заминаи пажуҳишҳои журналистӣ бори аввал ба масъалаи муносибати ВАО дар инъикоси муносибатҳои дуҷонибаи байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои арабзабони минтақаи Халиҷи Форс таваҷҷуҳ зоҳир гардидааст, ки барои дар оянда анҷом додани пажуҳишҳои нисбатан муфассалу густурда доир ба робитаю муносибатҳои ҳамкории дуҷонибаю бисёрҷонибаи ҷумҳурӣ бо дигар кишварҳо ва инъикоси он дар ВАО заминаи мусоид фароҳам орад. Аз ин ҷиҳат низ таҳқиқоти анҷомёфта мубрам ба ҳисоб рафта, арзиши баланд дорад.

Кори илмӣ-таҳқиқотии анҷомдодашуда дорои заминаи хуби илмӣ мебошад. Муаллифи диссертатсия бо такя ба сарчашмаҳо ва адабиёти фаровони илмӣ паҳлуҳои назариявӣ ва амалии мавзуъро баррасӣ намудааст. Аз таҳлилу баррасиҳои муаллиф аён аст, ки ӯ ҷанбаҳои мухталифи мавзуъро аз ҷиҳати назарӣ хуб омӯхта, маводи фаровони таҳқиқотӣ ҷамъ овардааст, масоили мавриди таҳқиқро бо дарки баланди масъулият анҷом дода, дар мавзуи «Нақши ВАО дар инъикоси равобити мутақобилаи Тоҷикистони соҳибистиқлол ва мамолики арабзабони Халиҷи Форс (Шоҳигарии Арабистони Саудӣ, Қатар ва Амороти Муттаҳидаи Араб)» рисолаи докторӣ пешниҳод кардааст, ки ба шиносномаи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ мутобиқ аст.

Вобаста ба маводи ҷамъоварда ва мақсаду мароме, ки муҳаққиқ дар назди худ гузоштааст, диссертатсия аз муқаддима ва чор боби таҳқиқотӣ, хулосаву тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва руйхати адабиёт иборат буда, ҳар боб аз рӯйи фарогирии маводу мундариҷа аз 2 то 3 фасли алоҳидаро дар бар мегирад. Мувофиқи маълумоти дар муқаддимаи автореферат дарҷгардида диссертатсия дар ҳаҷми 384 саҳифаи чопи компютерӣ омода гардида, варианти тоҷикии автореферат 57 саҳифа ва варианти русии он 60 саҳифаи чопиро ташкил медиҳад. Аз нигоҳи бандубасти мавзую мундариҷа диссертатсияи Қаландаров Сарабек Давлатёрович таҳқиқоти комилу анҷомёфтаи илмӣ ба ҳисоб меравад, дар байни бобу фаслҳои он робитаю ҳамбастагии зич ба назар мерасад, яъне қисмҳои ҷудогонаи диссертатсия ба ҳам алоқамандӣ доранд ва ҳамдигарро пурра намуда, идомаи мантиқии ҳамдигар мебошанд ва дар якҷоягӣ кори мукаммалу анҷомёфтаи илмиро ташкил медиҳанд.

Дар муқаддима аҳаммияти мавзуи таҳқиқ асоснок ва дараҷаи омӯзиши он муайян гардида, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, объекту предмети он мушаххас карда шудааст, маводу манобеи пажуҳиш, асосҳои методологии таҳқиқ, навгонӣ дар таҳқиқ, аҳаммияти назариву амалӣ, нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, сохтори рисола ва амсоли ин дарҷ гардидааст.

Боби якуми диссертатсия «Раванди ташаккули муносибатҳои Тоҷикистон бо кишварҳои араби Халиҷи Форс» унвон дошта, ду фасли таҳқиқотиро дар бар мегирад. Фаслҳои боб «Мавқеи кишварҳои араб дар ҷаҳони муосир» ва «Аз таърихи робитаҳои Тоҷикистон бо кишварҳои араб» унвон дошта, як навъ матолиби муқаддимотие ба ҳисоб меравcovered, ки барои ворид шудан ба масъалаи асосии дар диссертатсия баррасшаванда ва дарку фаҳми он мусоидат менамоянд. Муҳаққиқ дар фасли аввали боби якум ба таври мухтасар дар бораи ҳаёти сиёсии кишварҳои араб, низому сохтори давлатдорӣ, робитаи байниҳамдигарии сохторҳои давлатӣ дар ин кишварҳо, ҳизбу ташкилотҳои сиёсӣ, равияҳои ғайрирасмии дорои хусусияти иҷтимоию сиёсӣ дар онҳо маълумот дода, фарқи низоми давлатдории кишварҳои араби Халиҷи Форсро баён медорад, ба самтҳои сиёсати хориҷии давлатҳо ва мавқеи онҳо дар ҷаҳони муосир таваҷҷуҳ зоҳир менамояд. Дар фасли дуюми боб ба роҳ монда шудани муносибатҳои дипломатӣ ва ҷараёни ташаккули муносибатҳо ва ҳамкориҳои дуҷонибаю бисёрҷонибаи байни Тоҷикистони соҳибистиқлол бо кишварҳои араби Халиҷи Форс мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Аз он ҷумла, ба муносибатҳои Тоҷикистон бо Шоҳигарии Арабистони Саудӣ, давлати Қатар ва Аморoти Муттаҳидаи Араб дар банду бахшҳои алоҳида таваҷҷуҳ зоҳир гардидааст.

Боби дуюм – «Инъикоси муносибатҳои мутақобилаи Тоҷикистону кишварҳои араб дар агентиҳои иттилоотии кишварҳои араби Халиҷи Форс» аз се фасл иборат буда, дар ин фаслҳо воқеоти Тоҷикистон дар агентиҳои иттилоотии Арабистони Саудӣ, Қатар ва Аморoти Муттаҳидаи Араб таҳлилу баррасӣ гардидаанд. Зимни баррасии инъикоси воқеоти Тоҷикистон дар агентиҳои иттилоотии мамолики араб ба хусусиятҳои ҳар агентӣ, тарзу

вижагӣ ва шеваи хоси инъикос, сареият, ба назар гирифтани манфиатҳои миллию давлатӣ ва амсоли ин эътибор дода шудааст.

Дар боби сеюми таҳқиқоти илмӣ масъалаи инъикоси муносибатҳои Тоҷикистон бо кишварҳои араб дар воситаҳои ахбори оммаи ватанӣ баррасӣ гардидааст. Унвони боб «Мавқеи ВАО-и Тоҷикистон дар бозтоби муносибатҳои дуҷониба бо кишварҳои араб» буда, вобаста ба мазмуну мундариҷа, гурӯҳбандии мавод ва мақсади муаллиф он низ фарогири се фасли таҳқиқотӣ мебошад. Дар фаслҳои боб дар бораи маводе, ки доир ба муносибатҳои дуҷонибаи байни Тоҷикистону кишварҳои араби минтақаи Халиҷи Форс дар Агентии миллии иттилоотии Тоҷикистон «Ховар» ва агентии «Азия-Плюс» ва дар сомонаи хабаргузории «Pressa.tj» дарҷ гардидаанд, изҳори назар карда мешавад. Зимни баррасии мавод ба хусусиятҳои мавзуӣ, мазмуну мундариҷаи мавод, масъалагузориҳо, вижагиҳои тарзи инъикос, муносибат ба факту рақамҳо таваҷҷуҳ зоҳир гардида, дар баъзе маврид таҳлили таносубии мавод низ анҷом дода шуда, ба шеваи хоси инъикос дар ҳар хабаргузорӣ таваҷҷуҳ зоҳир гардидааст, ки ин баёнгари мавқеи муҳаққиқ доир ба масъалаи матраҳшаванда мебошад.

Дар боби чорум, ки «Вижагиҳои жанрии маводи ВАО марбут ба муносибатҳои дутарафаи Тоҷикистон ва кишварҳои араби Халиҷи Форс» унвон дошта, аз ду фасл иборат аст, инъикоси маводи баррасишаванда дар қолаби жанрҳои хабарию таҳлилӣ изҳори назар карда шуда, корбурди имкониятҳои жанрӣ аз тарафи расонаҳо, хусусиятҳои сохториву чаҳорчӯбаҳои жанрӣ ва вижагиҳои умумиву хосаи расонаҳои хабарии алоҳида дар инъикоси рӯйдодҳои марбут ба ҳамкориҳои Тоҷикистону кишварҳои арабии минтақаи Халиҷи Форс муайян гардидааст.

Хулосаҳои муаллифи диссертатсия, ки дар 22 банд дарҷ гардидаанд, натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомёфтаро баён ва илман асоснок менамоянд. Аз ҷумла, доир ба ҳар як фасл ба таври мушаххас дар 2-3 банд натиҷагирӣ карда шудааст. Тавсияҳо оид ба истифодаи натиҷаҳои амалии таҳқиқот дар 8 банди алоҳида зикр шуда, дурнамои мавзуи таҳқиқоти илмии анҷомёфтаро собит менамоянд. Аз он ҷумла дар заминаи кори илмии анҷомёфта тарҳрезӣ ва иҷрои як силсила таҳқиқотҳои дигар ва корҳои таълимию методӣ тарҳрезӣ гардидааст. Рӯйхати адабиёт ва сарчашмаҳо мувофиқи талабот оварда шуда, ба мавзуи таҳқиқ алоқаманданд. Дастгоҳи илмии диссертатсия аз рӯйи талабот тартиб дода шуда, ҷо ба ҷо гардидааст. Хулосаи мухтасари кори диссертатсионӣ, ки бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ дар охири автореферат оварда шудааст, тибқи талаботи ҷории Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шуда, моҳияти илмии корро ба таври ниҳоят мухтасар инъикос менамояд.

Дар умум, метавон гуфт, ки автореферати диссертатсия муҳтавои мухтасари кори илмии аз тарафи унвонҷӯ анҷомёфтаро бозгӯ менамояд. Варианти русии автореферат бо варианти тоҷикии он мувофиқат менамояд. Таълифоти илмие, ки доир ба мавзуи кори илмӣ аз тарафи муҳаққиқ омода гардида, ба табъ расидаанд, аз ҷумла 1 монография, 21 мақола дар

маҷаллаҳои илмии тақризшаванда ва 7 мақола дар маҷмуаву нашрияҳои дигари илмӣ ба мазмуну мундариҷаи қори диссертатсионӣ пурра мутобиқ мебошанд. Муаллифи рисола доир ба робитаҳои мутақобилаи Тоҷикистону давлатҳои арабии минтақаи Халиҷи Форс ва тарзу шеваи инъикоси он дар ВАО таҳқиқоти арзишманди илмӣ анҷом дода, аз уҳдаи ҳалли масъалаҳои дар наздаш гузошташуда ба хубӣ баромадааст. Ба ин маъно рисолаи муҳаққиқ Қаландаров Сарабек Давлатёровичро комёбии хуб дар соҳаи журналистикаи ватанӣ арзёбӣ намудан мумкин аст. Дастовардҳои илмии онро ҳангоми таҳқиқи минбаъдаи проблемаҳои рӯзноманигорӣ ва ВАО, дипломатия, муносибатҳои дуҷонибаю бисёрҷонибаи Тоҷикистон бо кишварҳои мухталиф метавон истифода бурд. Маводи рисола ҳамчунин ҳангоми таълифи китобҳои дарсӣ ва дастуру васоити таълимӣ доир ба журналистика ва муносибатҳои байналмилалӣ, ҳангоми коркарди машғулиятҳои амалӣ доир ба журналистикаи байналмилалӣ ва дипломатия ва махсусан ҳангоми хондани курсу семинарҳои махсус дар бораи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон қобили истифода буда метавонад.

Дар баробари комёбиҳое, ки зикр намудем, дар автореферати диссертатсия баъзе норасоиҳо ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо ба манфиати кор хоҳад буд:

1. Таҳлили автореферати диссертатсия нишон медиҳад, ки дар кори илмии довталаб ба матлабҳои васоити ахбори оммае, ки равобити мутақобилаи Тоҷикистони соҳибистиқлол ва мамолики арабзабони Халиҷи Форсро ба таври манфӣ инъикос мекунанд, таваҷҷуҳи камтар дода шудааст. Ин масъала низ бояд омӯхта мешуд. Зеро чунин расонаҳои хабарӣ метавонанд ба равобити мутақобилаи Тоҷикистони соҳибистиқлол ва мамолики арабзабони Халиҷи Форс то андозае таъсири манфӣ расонанд.

2. Тибқи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар автореферати диссертатсия ҷойгир намудани феҳристи ихтисораҳо зарур набуд.

3. Дар сатҳи омӯзиши мавзуъ асарҳои илмию таҳқиқотии олимони ватанӣ камтар ба назар мерасанд.

Норасоиҳои номбаршуда ҷузъӣ буда, ба ҳеҷ ваҷҳ аҳаммияти таҳқиқи анҷомдодаро кам намесозанд, зеро аксари онҳо хусусияти имлоиву техникӣ дошта, ба мазмуну муҳтавои диссертатсия таъсир намерасонанд. Илова бар ин, ислоҳпазир буда, ба осонӣ бартараф хоҳанд шуд. Диссертатсия таҳқиқи мукаммали илмии баанҷомрасида буда, дар рушди илми журналистика, бахусус бахши журналистикаи байналмилалӣ нақши муҳим дошта метавонад.

Автореферати диссератсияи Қаландаров Сарабек Давлатёрович дар мавзуи «Нақши ВАО дар инъикоси равобити мутақобилаи Тоҷикистони соҳибистиқлол ва мамолики арабзабони Халиҷи Форс (Шоҳигарии Арабистони Саудӣ, Қатар ва Аморoти Муттаҳидаи Араб)» дар заминаи меъёрҳои мувофиқи илмӣ таҳия гардидааст. Тарзу усули овардани иктибос, таҳияи бобу фаслҳо, хулоса ва феҳристи адабиёт мувофиқи талабот ва

меъёри омода намудани корҳои илмию таҳқиқотӣ ба роҳ монда шудааст. Автореферати диссертатсия тибқи тартиби муқарраргардида барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ таҳия гардида, мазмуни асосии кори таҳқиқиро инъикос менамояд ва дар он натиҷаҳои назарраси илмӣ асоснок гардида, шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Қаландаров Сарабек Давлатёрович дар мавзуи «Нақши ВАО дар инъикоси равобити мутақобилаи Тоҷикистони соҳибистиқлол ва мамолики арабзабони Халиҷи Форс (Шоҳигарии Арабистони Саудӣ, Қатар ва Аморoти Муттаҳидаи Араб)» дар сатҳи зарурӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи мавҷуда мутобиқ мебошад. Автореферати диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ аст.

**Муқарриз:** декани факултети фалсафаи
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
доктори илмҳои сиёсӣ, дотсент
Сафарализода Хуҷамурод Қуддусӣ ________________

«22» сентябри соли 2025.

Суроға: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ,
кӯчаи Н. Қарабоев 150/2, хонаи 52.
Тел.: (+992) 988127383
E-mail: quddusov@mail.ru

Имзои Сафарализода Хуҷамурод Қуддусиро тасдиқ мекунам:
сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Шодихонзода Эмомалӣ Шодихон ________________

«23» сентябри соли 2025

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Телефон: (+992-37) 221-62-25; факс: 227-15-10.
E-mail: info@tnu.tj